# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (– Душанбе, 2026. – 39 с.).**

Автореферати диссертатсияи пешниҳодшуда оид ба роҳзанӣ мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиро ба таври муфассал, пайдарҳам ва мантиқӣ инъикос менамояд. Дар он масъалаҳои калидии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ, мушкилоти назариявӣ ва амалии бандубасти он, инчунин натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф дар шакли мухтасар, вале пурмазмун ҷамъбаст гардидаанд.

Дар автореферат равшан нишон дода мешавад, ки роҳзанӣ ҳамчун ҷинояти зӯроваронаи дорои хусусияти бисёробъектӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, моҳият, аломатҳои таркибӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои ба муқобили моликият таҳлил шудаанд.

Автореферати диссертатсия дар шакли матни илмӣ дар ҳаҷми 39 саҳифа таҳия ва пешниҳод шудааст. Сохтори автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот дар шакли фишурда, хулоса ва тавсияҳо, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст гардидаанд, инчунин аз феҳристи корҳои илмии муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Интихоби мавзуи диссертатсионии мазкур бо аҳаммияти хоси он барои рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ муайян мегардад. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи моликият ва таъмини амнияти шахсӣ яке аз вазифаҳои калидии сиёсати ҷиноятии давлат ба ҳисоб рафта, ҷиноятҳои зӯроваронае, ки ба ин муносибатҳо таҷовуз мекунанд, таваҷҷуҳи махсусро талаб менамоянд.

Роҳзанӣ ҳамчун кирдори ҷиноятие, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди воқеии истифодаи он содир мегардад, боиси расонидани зарари ҷиддӣ на танҳо ба муносибатҳои моликиятӣ, балки ба ҳаёт ва саломатии

шаҳрвандон низ мегардад. Хусусияти зӯроваронаи ин ҷиноят дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятии онро муайян намуда, онро ба яке аз шаклҳои мушкилтарини тасарруфи молу мулки ғайр табдил медиҳад.

Таҳлили вазъи воқеии ҷинояткорӣ нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои ба муқобили моликият, аз ҷумла роҳзанӣ, дар солҳои охир мавқеи намоёнро ишғол намуда, дар баъзе ҳолатҳо тамоюли афзоиш низ доранд. Ин вазъият зарурати баррасии амиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии вобаста ба мафҳум, таркиб ва бандубасти роҳзаниро ба миён меорад, зеро номуайянии чунин масъалаҳо метавонад ба татбиқи нодурусти қонун дар амалия оварда расонад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи ҳамаҷонибаи роҳзанӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ, таҳлили мушкилоти назариявӣ ва амалии бандубасти он, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои такмили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорои аҳаммияти ҷиддии илмӣ ва амалӣ буда, мубрамияти мавзуи диссертатсияи пешниҳодшударо пурра асоснок менамояд.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати пешниҳодшуда метавон хулоса намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дар самти масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти роҳзанӣ, танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии он ва мушкилоти бандубаст дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ масъалаҳои пешгузошташударо бо истифода аз усулҳои илмии мувофиқ, таҳлили муназзам ва ҳамаҷониба баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои мушаххас, асоснок ва боэътимод расидааст, ки ин дар маҷмӯъ сатҳи анҷомёфт ва омодагии кори илмиро инъикос менамояд.

Бо вуҷуди ин, зарур аст қайд намуд, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуктаҳои ниёзманд ба дақиқсозӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар автореферат даврабандии инкишофи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии роҳзанӣ пешниҳод шудааст, аммо меъёрҳои ҷудо намудани марҳилаҳои алоҳида асосан хусусияти тавсифӣ доранд. Дар матни автореферат на ҳамеша равшан аст, ки кадом тағйироти сифатӣ дар танзими ҳуқуқӣ ҳамчун асос барои ҷудо кардани давраҳои зикршуда хизмат

кардаанд, ки ин ҳолат арзёбии илмии пешниҳодшудаи даврабандиро то андозае душвор мегардонад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва аз нигоҳи илмӣ асоснок ва ҳаматарафа анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрӯзаи такмил додани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои роҳзанӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва бандубасти он» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ч/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj
«23» 01 соли 2026